Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод карда шудааст.**

Яке аз василаҳои самаранокии рушди иқтисодии мамлакат ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши экология ба шумор меравад, ки дар ин самт барои дар амал татбиқ намудани принсипҳои иқтисоди "сабз" аз ҷониби субъектҳои соҳибкории экологӣ дастгирии давлат амри зарурӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади таъмини амнияти озуқавор示 кишвар аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба мо лозим аст, ки бо роҳи баланд бардоштани истеҳсолоти дохилии молу маҳсулоти тозаи воридотивазкунанда талаботи аҳолии кишварро таъмин намуда, бозорҳои истеъмолии кишварро мунтазам ғанӣ гардонем.

Маврид ба ёдоварист, ки дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" тамоми мамлакатҳои мутараққӣ фаъолияти соҳибкории экологиро дасгирӣ намуда, танзим ва раванди идоракунии онро хуб ба роҳ мондаанд. Бо дарназардошти ин ба мо низ зарур аст, ки ташкил, идоракунӣ ва рушди соҳибкории экологиро ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз"ривоҷу равнақ диҳем.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши муҳити зист ва экология шумораи зиёди барномаву санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки метавонанд дар ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ таъсири мусбӣ расонанд ва аз матни автореферат

маълум гардид, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур дар рисолаи илмӣ возеҳу равшан инъикос гардидаанд.

Ҳангоми омӯзиши автореферати Досиев Маҳмадшоҳ Назарович маълум гардид, ки дар рисолаи илмӣ асосҳои назариявию метологии идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" дар асоси таҳқиқотҳои хориҷиву дохилӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, дар ин самт таҳлилҳои иқтисодӣ бо факту рақамҳои оморӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши васеи таҳқиҳотҳои олимон мубрамияти мавзӯъ муайян гардидааст.

Масалан, муаллиф дар автореферат овардааст, ки соҳибкории экологӣ ҳамчун унсури муҳимтарини «иқтисоди сабз» барои ноил шудан ба ҳадафҳои зикршуда нақши калидӣ дорад, зеро он ба фаъолияти навоварона ва ташаббусҳои соҳибкорӣ, ки ҳамзамон мушкилоти экологиро бартараф ва рушди устуворро таъмин месозанд, равона гардидааст. Соҳибкории экологӣ роҳи инноватсионии ҳалли мушкилоти экологӣ тавассути таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои камхарҷ мебошад, ки ба кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист, ҳифзи захираҳои табиӣ барои наслҳои оянда ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд. (саҳ. 3)

Воқеан ҳам дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" ва пуршиддат гардидани рақобати дохилию хориҷӣ, мавзӯи идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамун субъекти амаликунандаи ҳадафҳои иқтисоди "сабз" мубрам ҳисобида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар натиҷа имконияти таъмини рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёт ва қаноатмандии мардумро аз ҳама гуна хизматрасониҳои экологӣ, махсусан молу маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза имкон медиҳад. Дар маҷмуъ, бо таваҷҷуҳ ба ҳолати воқеии муносибатҳои иқтисодию экологии ҷумҳурӣ ба тадқиқот фарогирӣ ва дар амал ҷоринамоии механизми идоракунии рушди соҳибкории эологӣ муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад. Чуноне, ки худи муаллиф қайд

намудааст, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он аз захираҳои табиӣ ва бахши аграрӣ вобастагии калон дорад, рушди соҳибкории экологӣ метавонад омили калидии рушди устувори иқтисодӣ, паст шудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини мувозинати экологӣ гардад.

Дар автореферати диссертатсия бо таваҷҷӯҳ ба талаботҳои мавҷуда муҳимтарин нуктаҳои назар, ки илман асоснок карда шудаанд ва хусусияти илмию амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд. Муаллиф бо дарки баланди мафҳум ва муҳтавои мавзӯи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" унсурҳои тадқиқотро мушаххас пешниҳод карда, ҷиҳати расидан ба натиҷаи иҷроиши онҳо кушишҳо намудааст. Инчунин, имкони ба даст овардани навгониҳои асарбахши илмию амалиро пайдо кардааст, ки дар автореферат бо тартиби муайян нишон дода шудаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар матни асосии он як қатор хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд.

Хуб мешуд агар муаллиф ҳангоми нишон додани манфиатҳои ташкил ва рушди соҳибкории эологӣ ҳамчун омили татбиқкунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" инчунин, додани имтиёзҳои давлатиро ба ин бахш нишон медод. Дар ин ҳолат сифати таҳқиқоти анҷомёфта беҳтар мешуд.

Эродҳои гирифташуда сифати таҳқиқоти анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосиии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ ба сохтори автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият

(08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса кардан мумкин аст, ки пурра ба талаботҳо мувофиқат мекунад ва созовори дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Академики АИКТ, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, Директори институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон Пиризода Ҷ. С.

**Суроға:**
734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Н. Сино, к. Ҳаёти нав х. 306 Телефон: +992(44)612-34-56
2-36-92-01 Почтаи электронӣ: info@iik.tj

Имзои Директори институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Академики АИКТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Пиризода Ҷ. С. -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Икромова М.